**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои
таърих, профессор Ибодуллозода А.И.
__________________________
«___» ____________ соли 2024

**ХУЛОСАИ**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ба номи Садриддин Айнӣ**

Диссертатсияи **Умаралиева Тахмина Мирзоалиевна** дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 — Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.

Умаралиева Тахмина Мирзоалиевна соли 2003 факултети журналист-тарҷумони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм кардааст ва доранадаи диплом дараҷаи мутахссис аз рӯйи ихтисоси «журналист-тарҷумон» (забони англисӣ) мебошад.

Номбурда ба ҳайси унвонҷӯ 28-уми ноябри соли 2020 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шудааст. Мавзуи рисолаи номзадиаш дар Шурои олимони донишгоҳ тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ – Мирзоев Сайфиддин Ҷаборович, номзади илми филологӣ, дотсент, мудири шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ мебошад.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ чунин **хулоса** карда шуд:

Диссертатсияи Умаралиева Тахмина Мирзоалиевна таҳқиқоти арзишманди илмӣ маҳсуб ёфта, он ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ бахшида шудааст. Мубрамияти диссертатсияи мазкур дар он ифода меёбад, ки хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти кишоварзии забони тоҷикӣ ҳанӯз ҳам дар муқоиса бо истилоҳоти кишоварзии забони англисӣ ба таври ҳамаҷониба таҳқиқ нашудааст. Аз ин рӯ, зарурияти ошкор кардани вижагиҳои сохторӣ-маъноии истилоҳоти кишоварзии забонҳои мавриди назар ҷиҳати тадвин ва танзими истилоҳоти зикршуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва инчунин ҳангоми тарҷумаи истилоҳоти кишоварзии забони тоҷикӣ ба забони англисӣ ва баръакс ногузир мебошад.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-таҳқиқотии осори донишмандони ватаниву хориҷии зерин ташкил медиҳанд: В.Р.Вилямс, Ю.Ю.Авалиани, Н.Н.Ершов, В.А.Лившитс, В.С.Расторгуева,

Н.М.Оранский, Л.С.Пейсиков, А.З.Розенфелд, А.Л.Хромов, В.В. Виноградов, С.Д. Арзуманов, Б. Ниёзмуҳаммадов, Н. Маъсумӣ, Л. Бузургзода, Р. Ғаффоров, Ф.Зикриёев, Б. Камолиддинов, Д. Хоҷаев, Х. Маҷидов, С. Назарзода, М. Султонов, З. Мухторов, М.Т. Ҷабборова, С. Раҳматуллозода, М. Н.Қосимова, Б.Сиёев, Ғ. Ҷӯраев, П.Ҷамшедов, А. Мамадназаров, Ш. Каримзода, Ф. Баротзода, Ҳ. Саидзода, М. Комилов ва дигарон.

Навгонии мавзуи таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар рисола бори нахуст ба таври муфассал хусусиятҳои сохторӣ ва маънοии истилоҳоти кишоварзии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ карда шудаанд. Дар умум, дар рисола масоили зерини истилоҳоти кишоварзии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ карда шуданд:

- вожаҳои ба зироатҳои ғалладона, навъҳои онҳо, мафҳуми дарза, ҷой ва тарзи кӯфтани ғалла, калимаҳои ба рӯбучин ва бод додани ғаллаи куфташуда ва амсоли инҳо муайян ва тавзеҳ дода шудаанд;
- хусусиятҳои монанд ва фарқкунандаи истилоҳоти кишоварзии забонҳои муқоисашаванда аз ҷиҳати сохтор ошкор гардидаанд;
- вижагиҳои сохторӣ ва семантикии вожаҳои кишоварзӣ, маросимӣ, суннатӣ, олотҳои меҳнат ва тарзи корбурди онҳо муайян шудааст.

Натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар 6 мақола рӯйи чоп омадаанд, ки 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**Руйхати мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М] Умаралиева, Т.М. Хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти ғалладона дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / Т.М. Умаралиева // Маҷалаи илмии "Суханшиносӣ"-и Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ.- Душанбе.-2022.-№1.-С.73-78.

[2-М] Умаралиева, Т.М. Баррасии олотҳои меҳнат ва тарзи корбурди онҳо дар кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / Т.М.Умаралиева //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.– Душанбе.-2022.-№5 (100).-С. 82-87.

[3-М] Умаралиева, Т.М. Баррасии бархе аз вожаҳои маросимиву суннатии соҳаи кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ. [Матн] / Т.М.Умаралиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе.-2024.-№2 (108). – С. 54-57.

[4-М] Умаралиева, Т.М. Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти зироатҳои ғалладонаи ғилофакдор: дар заминаи маводи забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ. [Матн] / Т.М.Умаралиева //Паёми ДМТ.– Душанбе.- 2024. №5 С.227-233.

[5-М] Умаралиева, Т.М. Вожагиҳои марбут ба мафҳуми дарза, ғараму тӯдаи алаф ва зироатҳои ғалладонаи забони тоҷикӣ дар муқоиса

бо забони англисӣ. [Матн] / Т.М.Умаралиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе. - 2024.- №3 (110).- С.83-90.

**Дар дигар нашрияҳо**

[6-М] Умаралиева, Т.М. Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ/ Т.М.Умаралиева // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Солҳои рушди саноат (2022-2026)" (Душанбе, 18-23-юми апрели соли 2022). Душанбе.- 2022.- С. 647-651.

[7-М] Умаралиева, Т.М. Баррасии олоти меҳнат ва тарзи корбурди онҳо дар кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ/ Т.М.Умаралиева // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Ташаккули механизми молиявӣ ва иқтисодии рушди ҶТ дар шароити ҷаҳонишавӣ бахшида ба солҳои рушди саноат (2022-2026)". – Душанбе.- 2023. – С. 506-508.

[8-М] Умаралиева, Т.М. Хусусиятҳои маъноӣ ва луғавии феълҳои марбути соҳаи кишоварзии забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ / Т.М.Умаралиева // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба "Рӯзи байналмилалии забони модарӣ". – Душанбе.-2024. – С. 50-53.

[9-М] Умаралиева, Т.М. Таҳлили вожаи кишоварз ва муодилҳои он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Т. М. Умаралиева // Маводи конференсияи илмӣ-байналмилалӣ дар мавзуи "Муносибати босалоҳият дар рушду нумуи таълими забони хориҷӣ".- Душанбе.- 2024. – С. 128-129.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи **Умаралиева Тахмина Мирзоалиевна** дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 — Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гаштааст, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, ба талаботи низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (номзади илмҳои филологӣ)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи **Умаралиева Тахмина Мирзоалиевна** дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 — Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя тавсия шавад.

3. Ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Умаралиева Тахмина Мирзоалиевнаро кори илмии бaанҷомрасидаи мубраму муҳим ва пурмуҳтаво меҳисобад, ки дар сатҳи

баланди илмию таҳқиқӣ таълиф гардидааст ва ба ҳамаи талаботҳои таълифи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Бо назардошти ин кафедра диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод менамояд.

Қарори мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ дар таърихи 23 феврали соли 2024 суратҷаласаи №7 қабул карда шуд.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** 13 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** "тарафдор" – 13 нафар, "муқобил" – нест, "бетараф" – нест.

Раиси ҷаласа,
мудири кафедраи забоншиносӣ
ва типологияи муқоисавӣ
н.и.ф., дотсент Комилов Мирато Миршаробович

Котиби ҷаласа, коргузори
кафедраи забоншиносӣ ва
типологияи муқоисавӣ Мадкаримова Офтобхон Ҳакимҷоновна

23.02.2024 с.

«Имзоҳои М.М. Комилов ва О.Ҳ. Мадкаримоваро тасдиқ менамоям»

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим